**Тақриз**

**ба автореферати Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи «Сафарнома ҳамчун жанри публисистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.**

Сафарнома аз жанрҳои куҳан ва ҳамешаҷавони адабист, ки дар таърихи илму фарҳанги форсии тоҷикӣ мақом ва ҷойгоҳи хосса дорад. Дар адабиёти форсии тоҷикӣ ҳазор сол инҷониб сафарнома эҷод мешавад, ки ба хонандаи имрӯз аз бурду бохт ва дидаву мушоҳидаҳои муаллифони зиёд роҷеъ ба давлатҳову ҳукуматҳои мухталиф, шаҳрҳову вилояти куҳану муосир, урфу ойинҳои мардуми гуногуни ақсои олам маводи фаровон ва хубе медиҳанд. Сафарнома маҳсули сафари муаллиф аст, ки дар шаклу намуди асари алоҳида ва ҳатто ашъори алоҳида низ ба назму наср дар гузашта таълиф шудаанд, ки собиқаи тӯлонӣ доранд.

Автореферати диссертатсияи доктории Бозорзода Нуриддин Шодипур ба таҳқиқи ин жанри густардаи адабӣ бахшида шудааст, ки аз муқаддима, панҷ боб, дувоздаҳ фасл ва хулосаву китобнома фароҳам омадааст ва аз таҳқиқоти тозаи илмӣ ба ҳисоб меравад, ки дар заминаи баррасии маводи зиёди сафарномаҳо нигошта шудааст. Бозорзода Н.Ш. дар баробари баррасии масъалаҳои назарии мавзӯъ, ки дар як занҷираи муназзами илмӣ баён гардидаанд, кӯшиши зиёд кардааст, ки нӯму унвони сафарномаҳоро ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз бозгӯӣ кунад, аз ҷумлаи «сафарнома», «ҳаҷнома», «зиёратнома», «очерки сафарӣ», «ёддошти сафар», «хотироти сафар», «қайдҳои сафар», «сафардида», «сафаргуфта» ва ғайра, ки ҳамагӣ унвони маъмулии сафарномаҳоро инъикос мекунанд. Бозорзода Н.Ш. дар чаҳор боби диссертатсия ҷанбаҳои назарӣ ва хусусиёти жанрии сафарнома, заминаҳои илмии ташаккул ва таҳаввули ин жанри адабиро дар фарогирии масъалаҳои зиёди густариши он аз нигоҳи муҳтаво, устухонбандӣ ва фарогирии мавзӯъҳои гуногун, дар адабиёти классикӣ ва муосир як-як бозгӯии илмӣ

карлдааст, ки аз дастовардҳои назарраси муаллиф дарак медиҳад. Автореферат аз нигоҳи методологияи илмӣ, банду басти проблемаҳо ва роҳҳои таҳқиқи он ба равиши хуб ва забони фасеҳи илмӣ нигошта шудааст. Маводи зиёди сафарномаҳои мухталиф, ки таҳқиқи хуби илмӣ шудаанд, аз вуқуфи комили унвонҷӯ аз мавзӯи матраҳшаванда дарак медиҳад. Баҳсу мунозираҳои муаллиф бо донишмандони назариядони классикӣ ва муосир роҷеъ ба вежагиҳои жанрӣ ва ҷойгоҳу мақоми ин жанри адабӣ назаррасанд. Хулосаҳои муаллифи автореферат аз таҳқиқи мавзӯъ дар бист банди мушаххас баёнгари андешаи фарохи ӯ аз таҳқиқи илмии мавзӯъ аст.

Автореферати Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи «Сафарнома ҳамчун жанри публисистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)» кори анҷомёфтаи илмист ва бо забони равони илмӣ навишта шуда, бо дастовардҳо ва комёбиҳояш ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ** **Элбоев Вафо**
**Тел: 987600143**
**E mail: Vafo_1965@mail.ru**
**730043, ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 121**

**Имзои д.и.ф., профессор Элбоев Вафоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба Номи С.Айнӣ** **Назаров Д.**

**12.02.2021**